Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-
и назди Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев
17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ(6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар баробари зиёд шудани захираи луғавии забон масъалаи ифодаи онҳои ба забонҳои дигар ба миён меояд. Бахсус воҳидҳои мураккаби луғавӣ, ки қариб фоизи назарраси захираи луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ташкил медиҳанд, ба нозукиҳои тарҷума бештар рӯ ба рӯ мешаванд. Доир ба роҳу воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ як қатор олимон таҳқиқот гузаронида, воситаҳои тарҷумаи калимаҳои мураккаби забони англисиро аз лиҳози назария ва амалия мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар таҳлилу таҳқиқи соҳаи тарҷумонӣ, махсусан тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ олимони маъруф, аз ҷумлаи В.С. Виноградов, В.Н. Комиссаров, Н.К. Гарбовский, Л.С. Бархударов, А.В. Фёдоров, Р.К. Миняр-Белоручев, Л.К. Латишев, Я.И. Ретскер, С.В. Тюленев, Л.Н. Беляева, В.В. Мамонтова, Ф.М. Турсунов ва дигарон саҳм гузоштаанд.

Бо вуҷуди шумораи зиёди адабиёти илмӣ оид ба таҳқиқоти воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ масъалаҳои

ташаккули сохторӣ-семантикии онҳо аз нигоҳи муқоиса ва роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо ҳалношуда ва норавшан боқӣ мондааст, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур низ ба ин масъала равона гардидааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ саривақтӣ буда, онҳо дар рафти таҳқиқот ҳалли илмии худро ёфтаанд.

Дар хулосаи кор муаллиф аз натиҷаҳои бадастомада афкори худро дақиқ баён кардааст ва ҳамзамон дар қисмати тавсияҳои илмӣ андешаҳояшро пешниҳод намудааст, ки сазовори дастгирӣ аст.

Сарчашмаҳои мисолҳои мавриди истифода қарор гирифта осори адибони барҷастаи англисзабон ва тоҷик мебошад, ки таҳлили муқоисавии илмии таҳқиқотро мустаҳкам намудааст. Ҳамзамон, рӯзномаҳои англисзабони истифодашуда сифати илмии таҳқиқотро баланд бардоштаанд.

Автореферати диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст ва он аз ҷиҳати илмӣ хеле дақиқ ва пурмазмун таълиф гардидааст.

Боби аввали кори таҳқиқотии тақризшаванда аз чор зербоб, боби дуюм аз ду зербобу зербахшҳои дигар ва боби сеюм аз 6 зербоб иборат буда, дар онҳо пайвастагии афкори муҳаққиқ ва алоқамандии мантиқӣ дида мешавад.

Автореферат аз камбудиҳо орӣ набуда, ин эродҳо ба сифати корро коста намегардонанд:

1. Дар автореферати диссертатсия ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст (саҳ. 3, 2 (қисмати русӣ).

2. Агар таҳқиқи адабиёти илмии солҳои охир бештар ба роҳ монда мешуд ба манфиати кор буд.

Автореферати кори диссертатсионии Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети
забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Абдулфайзов Саиднурудин

Имзои Абдулфайзов Саиднурудинро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

Нишонӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Телефон: (+992)918175045
Email: Saidnuridin@mail.com

02.09.2022